**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА 012 дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2 )**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Тавре маълум аст, яке аз омилҳои рушди босуботи иқтисодиёти муосир ин дастгирии давлатӣ оид ба ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ ба ҳисоб меравад.

Соҳибкорӣ як тиҷорати хатарнокест, ки аз ҷониби шаҳрвандон (иттиҳодияҳои онҳо) ихтиёран бо таваккал ва масъулияти худ анҷом дода мешавад. Соҳибкорӣ бо хоҳиши кор кардани чизи нав, пайдо кардани чизи нав ё такмил додани чизи мавҷуда алоқаманд аст. Он бо мафҳумҳои «динамизм», «ташаббус», «далерӣ» зич алоқаманд буда, потенсиали ҷамъиятро ба амал мебарорад, ки бисёр идеяҳои аҷоибро ба воқеият табдил медиҳад.

Бойгариро шахсоне ба вуҷуд меоранд, ки бо пул, молу мулк, мансаби худ бештар таваккал мекунанд, дар ташкили тиҷорати худ вақтро дареғ намедоранд ва ба мизоҷон маҳсулот ё хидмати нав пешниҳод мекунанд. Ин маҳсулот ё хидмат набояд чизи комилан нав бошад. Чизи асосӣ он аст, ки соҳибкор қодир аст ба онҳо хислатҳои нав диҳад, арзиши онҳоро баланд бардорад, барои ин қувваю маблағи заруририро сарф кунад. Дар иҷрои ин рисолати ташабускорӣ нақш ва мавқеи соҳикорони инфиродӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович, ки ба таҳқиқи масъалаи мубрами ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ бахшида шудааст, муҳимият ва саривақти будани мавзӯи интихобшударо нишон медиҳад. Дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот муаллиф тавонистааст, ки мавзӯи мазкурро бо тамоми паҳлӯю нозукиҳои таркибиаш бо нишон додани хусусиятҳо, мушкили ва муамоҳои мавҷуда, ҳаматарафа ва дар сатҳи баландӣ илмӣ-назариявӣ, методӣ ва амалӣ омӯхта хулосаю пешниҳодҳои худро ассоснок намояд.

Дар диссертатсия назарияи заминавии иқтисодӣ, асарҳои олимони муосири ватанӣ ва хориҷӣ, муносибатҳои меъёрии мақомотҳои қонунгузорӣ ва иҷроияи ҳокимиятҳои маҳаллӣ оид ба масъалаҳои рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода шудаанд.

Эътибornокӣ ва навгониҳои илмии диссертатсия дар таҳияи муқаррароти назариявӣ, методӣ ва консептуалӣ, тавсияҳои амалӣ оид ба рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ асос ёфтааст. Зимни гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз тарзу усулҳои гуногун ба монандӣ: муқоисавӣ, нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ, индексӣ, оморӣ-иқтисодӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, алоқамандии миқдорию сифатӣ, назарсанҷӣ, имкониятҳои интернет ва компютерӣ ва ғайра ба тариқи фаровон ва зарурати воқеӣ мавриди истифода қарор гирифтанд истифода намудааст.

Сохтори автореферат ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад ва бо хулосаҳои илмии муаллиф ҷамъбаст гардидааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1.Дар автореферат омилҳое, ки ба рушди соҳибкории инфиродӣ таъсир мерасонанд дар расми 2 оварда шудааст, аммо ин чи гуна таъсир аст, мусбӣ ё манфӣ дарҷ нагардидааст?

2.Новобаста аз оне ки дар афтореферат самтҳои асосии такмилдиҳии соҳибкории инфиродӣ муайян гардида бошад ҳам, ба таври зарурӣ шарҳ дода нашудааст?

Бояд қайд карда, ки камбудиҳои зикр гардида хусусияти тавсиявӣ дошта, дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзӯи хело мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ рӯи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ) арзанда мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти**
**кафедраи иқтисодиёти**
**байналмилалии ДТТ** **Имомназаров М.А.**

***Имзои* Имомназаров М.А. *– ро тасдиқ менамоям.***

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДТТ** **Бухориев Н.**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ